Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзуи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Масъалаи муназзамгардонии рукнҳои асосии муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар ҷомеаи мутаммадин бар асоси асноди меъёрию ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад, аз мавзӯъҳо ва масоили мубрам ва муҳими илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Ҷойи таъкид аст, ки дар марҳилаи кунунӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои меҳнат ҳамчун сарчашма ва заминаи ҳуқуқии инкишофи қонунгузории соҳаи меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд. Дар ин самт мақом ва ҷойгоҳи Созмони Байналмилалии Меҳнатро махсус бояд зикр кард, чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба ҳайси узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз 50 конвенсия ва зиёда аз 20 тавсияномаи ин созмони бонуфузи ҷаҳониро тасдиқ намудааст. Ин нукта ҳам ба муҳимияти мавзуи рисолаи Д.Қ. Назаров ишора менамояд.

Дар диссертатсия масъалаи нақш ва ҷойгоҳи асноди ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи танзими ҳуқуқии меҳнат дар кишвари мо ба миён гузошта шудааст. Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки ҳамон санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, санадҳои марбут ба меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ вижагиҳои хоси худро дошта, дар ҳар кишвар вобаста ба шароиту имкониятҳои мавҷуда татбиқ мегарданд. Аз

ин рӯ, муҳаққиқ дар диссертатсияи мавриди назар кӯшиш намудааст, ки бо такя ба меъёрҳои илмии назарию амалии ҳуқуқшиносӣ хусусиятҳои санадҳои мазкурро муайян намуда, асосҳои таъсири мутақобилаи асноди байналмилалӣ ва миллиро нишон диҳад, чунки дар замони муосир, хоса барои кишвари соҳибистиқлоли мо масъалаи рушди қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат ва таъсири мутақобилаи он бо принсипиҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии меҳнат аҳамияти хоса касб менамояд. Ин масъала боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он бевосита ҳамчун сарчашмаи қонунгузорӣ дар инкишоф ва танзими ҳуқуқи меҳнат дар кишвари мо аҳамият пайдо мекунад.

Бояд гуфт ки рисолаи номзадии Д.Қ. Назаров дар ин самт кӯшиши нахустини омӯзиши маҷмуии таъсири мутақобилаи асноди ҳуқуқии миллию байналмилалӣ оид ба меҳнат мебошад. Муҳаққиқ дар сатҳи лозимӣ дар бобу фаслҳои ҷудогонаи тадқиқоти мазкур ба масъалаи танзими меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ равшанӣ андохтааст.

Дар дисссертатсия мавзӯъ ба таври куллӣ дар се боб ва фаслҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар боби якуми диссертатсия, ки бештар характери назарӣ дорад, муҳаққиқ сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавзеҳ дода, намудҳо ва нақшу таъсири ин аснодро дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ нишон медиҳад. Вай ба таври илмӣ собит менамояд, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқӣ» замина ва пояҳои устувори илмӣ ва ҳуқуқӣ дорад, аз ин рӯ наметавон ба андешаи муҳаққиқоне, ки тарафдори иваз кардани мафҳуми мазкуранд розӣ шуд. Ин мафҳум кайҳост, ки ба илм ворид гардида, тадриҷан ба яке аз мафҳумҳои калидии ҳуқуқи меҳнат табдил ёфтааст.

Илова бар ин, айни замон олимони соҳа сарчашмаҳои ҳуқуқиро дар чанд даста ба таври илмӣ гурӯҳбандӣ намудаанд ва ин тасниф аз тарафи доираи васеи муҳаққиқони соҳаи мазкур эътироф гардида аст. Ба

хотири таквияти андешаи худ дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия Д.Қ. Назаров муҳимтарин бахшҳои сарчашмаи ҳуқуқи меҳнатиро баррасӣ намуда, дурустии андешаи худро собит месозад, ки онро метавон ба ҳайси муҳимтарин фазилати илмии диссертатсияи мазкур ном бурд.

Ба истиснои баъзе фаслҳои ҷудогона, боби сеюми рисола бештар ба таҳқиқи масъалаи таъсири меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба рушди қонунгузории соҳаи меҳнат дар кишвари мо ихтисос дода шуда аст. Диссертант дуруст таъкид менамояд: «Амалӣ намудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла, санадҳо дар соҳаи меҳнат, марҳилаи муҳимтарини раванди таҳияи меъёрҳо мебошад, тавассути он давлат қонунгузории худро рушд медиҳад, онро бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ мегардонад, бо принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ менамояд, барои ташкили давлати ҳуқуқбунёд шароит фароҳам меорад».

Ба андешаи диссертант санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ маҳз дар марҳилаи эҷоди қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ ба асноди меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ карда мешаванд. Гузашта аз ин, асноди мазкур ҳангоми таҳияи меъёрҳои эҷодӣ асноди ҳуқуқӣ ҳам ба назар гирифта мешавад, ки он минбаъд мутобиқати комили асноди ҳуқуқии миллиро бо меъёрҳои асноди ҳуқуқии байналмилалӣ ба пуррагӣ таъмин месозад.

Ба таври куллӣ, рисола дар сатҳи хуби илмӣ таълиф гардидааст. Диссертант аз иҷрои вазифаҳои илмии дар наздаш гузошта ба хубӣ баромадааст. Аммо дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд, ки зикрашон ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назри мо диссертант дар муқаддимаи кор объекти таҳқиқ ва навгониҳои илмии онро муфассалтар шарҳ медод беҳтар буд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе хатогиҳои илмию услубӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович тадқиқоти комил ва ба анҷомрасида буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафурзода А.Д.

Имзои Ғафурзода А.-ро **тасдиқ менамоям,**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувватзода С.З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33). **E-mail:** info@apa.tj **Тел:** +992 (37) 224-17-86.